БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум•Июли 2017

**Дар моҳи июли соли 2017 сатҳи таварруми солона нисбат ба моҳи июн (9,0%) андаке поён рафта, ба 8,9 фоиз баробар шуд. Ҳамзамон, бо арзёбии моҳона раванди коҳишёбии сатҳи таваррум нисбат ба моҳҳои қаблӣ мушоҳида гардида, тағйирёбии он дар моҳи июл 0,4%-ро ташкил намуд.**

Омилҳои асосии тамоюли болоравии сатҳи таваррум аз таъсири назарраси омили таклифот, коҳишёбии истеҳсол ва пешниҳоди ками маҳсулоти алоҳидаи хӯрокворӣ, омилҳои мавсимӣ ва қурбӣ иборат буданд, ки дар маҷмуъ ҳамчун равандҳои кӯтоҳмуддат ва гузаранда арзёбӣ мегарданд.

Пуёи афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ нишон медиҳад, ки саҳми маҳсулоти ғайрихурокворӣ ва хизматрасониҳо дар таваррумi ҳосилшуда тамоюли муқаррарии худро чун солҳои пешин идома дода, саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ аз аввали сол аз ҳисоби омилҳои мавсимӣ яку якбора боло рафтани нархи сабзавотҳои серистеъмоли аҳолӣ (картошка, пиёз ва сабзӣ) бештар буд.

**Раванди афзоиши таварруми солона муваққатӣ буда, сатҳи он дар давраи кӯтоҳмуддат, яъне то охири соли ҷорӣ аз андозаи нишондиҳандаи мақсадноки муқарраршуда (7,0% ± 3)* гузашта, дурнамои он дар соли 2017 дар атрофи 9,0% баҳо дода мешавад. Интизор меравад, ки дар давраи миёнамуҳлат сар карда аз семоҳаи дуюми соли 2018 таваррум ба сатҳи нишондиҳандаи мақсаднок, яъне сатҳи барои иқтисодиёт муътадили худ бар мегардад.**

Аз ин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дар давраи миёнамуҳлат дар доираи ҳадаф нигоҳ доштани сатҳи таваррум сиёсати нисбатан қатъии монетариро пайгирӣ намуда истодааст.

**Сатҳи таварруми аслӣ* дар моҳи июли соли ҷорӣ, муътадил боқӣ монда, бо арзёбии солона ба 1,7% (0,4% м/м)**[2] **баробар шуд.** Ба раванди мазкур бо назардошти нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (масолеҳи таъмир ва сохтмон, маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таваррумi аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Дар пуёи тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таваррумi аслӣ истисно мегарданд) мушоҳида кардан мумкин аст, ки болоравии нархи маҳсулоти хоми хӯрокворӣ бо вучуди фарорасии мавсими тобистон, таъсири назаррасро ба**

**Таваррумi моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Дурнамои таваррумi солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**сатҳи таваррум дорад.** Дар сохтори таварруми ғайриаслӣ нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби болоравии нархи гӯшти гов (2,2% м/м ё 16,9% с/с), картошка (-5,0% м/м ё 2,1 маротиб с/с), пиёз (43,7% м/м ё 4,0 маротиб с/с) ва карам (21,5% м/м ё 2.0 маротиб с/с) ба амал омад. Дар баробари ин, нархҳои сабзӣ, биринҷ, мевагӣ ва маҳсулоти ярмагӣ дар моҳи июл раванди коҳишёбӣ доштанд.

**Нархи маводи сӯзишворӣ** дар моҳи июл андаке боло рафта (2,3% м/м ё 15,6% с/с), он бо болоравии мавсимии нархи бензин ва гази моеъ алоқаманд мебошад.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** дар моҳи июл дар маҷмуъ нисбат ба моҳи қаблӣ каме афзоиш ёфта, бо нишондиҳандаи мусбӣ (3,5% м/м) ҷамъбаст гардид. Дар сохтори он арзиши хизматрасониҳои нақлиётӣ аз ҳисоби қиматшавии нархи чиптаҳои ҳавопаймо ба самти Душанбе-Москва (18,9% м/м ё 25,2% с/с) назаррас буд. Ҳамзамон, аз таъсири омилҳои кӯтоҳмуддат арзиши чиптаҳои ҳавопаймо ба самти Душанбе-Хуҷанд (-7,1% м/м ё -24,4% с/с) раванди коҳишёбӣ доштанд.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1]- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)

**Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки тавваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.*

**- Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили чораёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | Июл, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | | | | | | | |
| | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **7,3** | **8,1** | **8,7** | **9,0** | **8,9** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **55,4** | **3,8** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **8,8** | **10,2** | **11,8** | **12,3** | **12,2** | **0,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 19,2 | 9,1 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -2,5 | -1,0 | -1,4 | -1,4 | -1,9 | -0,5 |
| Биринч | 3,3 | 11,6 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -13,3 | -13,5 | -13,7 | -13,9 | -13,3 | 1,5 |
| Орд | 11,9 | 7,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -1,0 | 1,8 | 1,3 | 1,5 | 0,8 | -1,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,0 | -10,2 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 1,8 | 7,2 | 11,5 | 12,4 | 14,2 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,9 | -14,3 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 1,3 | 8,3 | 14,2 | 15,1 | 16,9 | 2,2 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | 7,8 | 12,8 | 7,4 | 8,9 | 2,2 | -5,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 5,1 | 3,7 | 2,8 | 4,0 | 3,6 | 0,1 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 5,0 | 0,7 | 0,1 | 4,7 | 3,7 | 0,0 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,3 | 12,7 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 6,0 | 6,2 | 5,8 | 5,0 | 4,1 | -0,8 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | 4,6 | 0,2 | -1,8 | -6,0 | -13,8 | -16,6 |
| Сабзавот | 7,1 | -12,4 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 58,2 | 57,2 | 73,8 | 79,5 | 77,5 | 6,2 |
| Шакар | 2,1 | 19,3 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | 5,2 | 13,6 | 7,3 | 3,9 | 12,5 | 5,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 10,4 | 9,5 | 5,1 | 5,9 | 5,5 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **14,3** | **-1,2** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **9,1** | **8,6** | **6,2** | **8,1** | **6,7** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **27,4** | **7,9** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **3,9** | **3,8** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 9,3 | 9,2 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 12,8 | 11,8 | 9,8 | 9,4 | 9,5 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,4 | 2,2 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,5 | 0,3 | 0,9 | 0,4 | 0,0 |
| Маводи шустушуй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 1,1 | 2,6 | 2,6 | 3,5 | 1,0 |
| Доруворӣ | 2,7 | 24,7 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | 3,9 | 3,8 | 4,4 | 4,1 | 4,1 | 0,0 |
| Сӯзишвории наклиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 14,7 | 21,5 | 19,1 | 18,4 | 15,6 | 2,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,4 | 19,0 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 0,0 |
| Васоити наклиёт | 0,7 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,3 | 7,6 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | 5,1 | 5,0 | 5,2 | 5,2 | 6,0 | 0,7 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,8** | **2,2** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **6,2** | **6,3** | **5,6** | **6,0** | **5,6** | **1,6** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,1 | 3,2 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 12,4 | 13,3 | 12,3 | 11,9 | 11,4 | 1,5 |
| Иҷорапулии манзил | 0,1 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,8 | 0,0 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 16,3 | 16,5 | 16,5 | 16,5 | 16,8 | 0,2 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,0 | -6,3 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 13,5 | 17,5 | 12,3 | 10,8 | 9,0 | 6,7 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 0,2 | -0,3 | -0,5 | 1,1 | 0,9 | 3,5 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 2,6 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,7 | 12,3 | 5,2 | 5,8 | 5,8 | 6,0 | 6,0 | 3,3 | 2,2 | 2,2 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*